# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)** барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **6D08.00.06.02** - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

Носирзода Ҳусейни Саъдулло соли 2009 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети ҳисобдорӣ ва омори собиқ Донишкадаи молия (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлили ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ дохил шуда, соли 2013 муассисаи номбурдаро хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 2013 то соли 2015 ба шуъбаи магистратураи ҳамин донишгоҳ дохил шуда, онро бо ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит хатм менамояд. Баъд аз хатми донишгоҳ аз соли 2013 то соли 2015 ба ҳайси эксперти қарзии дараҷаи 1-ум дар ФҶСК Бонки Эсхата дар ноҳияи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд. Аз соли 2016 то моҳи сентябри соли 2022 ба ҳайси сармутахассиси Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тобеати он мебошад, адои вазифа менамояд. Моҳи сентябри соли 2022 то 1-уми феврали соли 2023 бо фармоиши Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба вазифаи муовини декан оид ба илм дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва аз моҳи феврали соли 2023 то ин ҷониб тибқи гузариш бо фармоиши Ректори ҳамин донишгоҳ ба вазифаи мудири бахши иттилоот ва танзими Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузаронида шуда то ҳол кор ва фаъолият дорад. Ҳамзамон, аз соли 2016 то 2017 дар кафедраи Менеҷмент ба ҳайси ассистент 0,5 воҳиди корӣ ва аз соли 2017 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи

баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омор тибқи ихтисос 0,5 воҳиди корӣ ҳамун омӯзгор дарс мегуяд.

Унвоҷӯ Носирзода Ҳусейн дар давоми 5 соли охир рисолаи диссератсионии худро ба охир расонида, онро барои муҳокима пешниҳод намуд. У дар давоми ин солҳо хеле фаъолона амал карда, ба адабиёти назариявӣ комилан шинос шуда, барои ҷамъ овардан ва коркарди маводҳои амалӣ кори зиёдеро ба анҷом расонид. Шиносоӣ бо рисолаи диссертатсионии у нишон медиҳад, ки Носирзода Ҳ.С. на танҳо қобилияти баланди таҳлили омор ва дигар маводҳои амалиро дорад, балки аз уҳдаи таҳлили назариявӣ низ баромада метавонад ва дар қисмати назариявии кор ақидаҳои шахсии у хеле хуб ба чашм мерасанд.

Дар як муддати кутоҳ у тавонист, ки нисбат ба се масоили муҳим назарияи методологӣ ва назариявии худро мушаххас гардонад. Ин ҷо сухан дар бораи идоракунии корхонаи саноатӣ, имконияти рушди устувори онҳо ва зарурияти объективии рушди инноватсионии истеҳсолоти саноатӣ меравад. Дар рисола ба таълимоти ҳаргуна мактабҳо ва ҷараёнҳои назариявӣ бобати ҳар се масъалаи зикр гардида ба тариқи кифоя таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Ба ғайр аз ин, диссертант кушиш намудааст, ки асосҳои ниҳодии таъмини устувори инноватсионии корхонаҳои саноатиро ба таври мушаххас дида барояд ва оид ба онҳо тавсияҳои илман асоснок ва ба амал ҷоришавандаро пешниҳод кунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки саноати хӯрокворӣ соҳае мебошад, ки дар замони ҳозира барои рушди он давлат таваҷҷуҳи хеле махсус зоҳир менамояд ва барои ба инвеститсияҳо ва инноватсияҳо таъмин намудани он чораҳои ҷиддӣ меандешад.

Диссертант аз механизмҳои фаъолияти саноати хӯрокворӣ хеле хуб хабардор мебошад. У шахсан ба бисёре аз корхонаҳои соҳа ташриф овардааст бо роҳбарони онҳо суҳбат намудааст ва оид ба монеаҳою мушкилиҳое, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз сар гузаронидаанд дар ҳамаи сатҳи корхонаҳо аз коргарон то роҳбарон тариқи суҳбат низ мавод ҷамъ намудааст. Касоне, ки ба мазмуни диссератсия аз наздик шинос шудаанд, чунин ҷиҳати амалиёти илмии муаллифро бояд ба хубӣ дарк карда бошанд.

Пуркимматии рисолае, ки Носирзода Ҳ.С. тайёр кардаанд аз он иборат мебошад, ки коркунони соҳа метавонанд, бобати рушди корхонаҳои он аз се гурӯҳ хулосаҳо ва пешниҳодҳо истифода баранд, яъне натиҷагириҳои муаллиф оид ба имкониятҳои ҳақиқии бо иннвеститсияҳо ва инноватсияҳо таъмин намудани корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ба таври мушаххас истифода бурдани тавсияҳо оид ба роҳҳои пурсамари таъмини рушди устувори соҳа ва такмили идоракунии умуман соҳа ва идоракунии рушди устуворе, ки ба инноватсияҳо такя мекунад.

Носирзода Ҳ.С. муаллифи 21 мақолаҳои илмӣ мебошад, ки аз онҳо 7 тояш дар маҷалаҳои тақризшаванда чоп карда шудаанд. Як чанд мақолаҳои тайёри муаллиф дар ҷараёни интишоршавӣ мебошанд.

Хуласи калон, диссератсияи Носирзода Ҳ.С. комилан ба талаботи КОА-и назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофики ихтисоси **6D08.00.06.02** - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои-иқтисодӣ мувофиқ мебошад ва ҳатто дар ҳамин шакле, ки диссертатсия пешниҳод шудааст метавон онро барои дифо ба Шурои диссератсионӣ тавсия намуд.

Носирзода Ҳ.С. ба тамоми хусусиятҳое, ки ба шахсияти замонавӣ ва муррабии ҷавонон, инчунин, коркуни мактаби олӣ пешниҳод мегарданд комилан ҷавонбӯ мебошад. У дар оилаи зиёӣ – омӯзгори мактаби олӣ ба дунё омадаст ва таҳти таъсири бевоситаи падараш, ки солҳои зиёде дар донишгоҳҳои олӣ фаъолият доранд тарбияи илмӣ-амалӣ гирифтааст.

Бояд қайд кард, ки рисолаи диссератсиониро низ дар муддати нисбатан кутоҳ мувофиқи нақша навишта ба охир расонид. Диссертант дар байни донишҷӯён ва устодони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод, инчунин, коркунони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон обрӯю эътибори баланд дорад.

Носирзода Ҳ.С. дар ҳаёти ҷамъиятии шаҳр ва ҷумҳурӣ иштироки фаъолона дорад. Дар чорабиниҳои гуногуни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо иштирок менамояд ва соҳиби

иftихорномаҳои зиёде мебошад. Ба наздики аз тарафи ин Кумита ба сипоснома сарфароз гардонида шуд.

Бо боварии том гуфта метавонам, ки баъд аз дифоъи рисолаи номзадӣ мо дар шахсияти Носирзода Ҳ.С. коркуни ҷиддии мактаби олӣ, навовар ва мураббии замонавии донишҷӯёнро хоҳем дид. Аз ин рӯ ман аз ҳозирин хоҳиш менамоям, ки шогириди ман Носирзода Ҳусейни Саъдуллоро зимни муҳокимаи рисолаи номзадиаш ва хулосабарорӣ оид ба қимматҳои назариявию амалии диссертатсия фаъолона дастгирӣ намоянд.

Роҳбари илмӣ,
д.и.и, профессори
факултети Молия ва Иқтисоди ДМТ — Умаров Х.

Имзои Умаров Х.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

01.06.23